**Лингвапарки (Парки технологии)**
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Лингвапарк (Парки технологи)-и Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (минбаъд ЛПТ ДДЗТ) дар асоси Қарори Шӯрои олимони донишгоҳ аз 28.10.с.2011 таҳти №3 таъсис дода шуда 29 ноябри соли 2011 таҳти "Гувоҳнома"-и 04/003528 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун андозсупоранда (РМА 040035289) ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. ЛПТ ДДЗТ мутобиқи Оиннома фаъолият намуда дар лингвапарк 3 нафар: директор, сармуҳосиб ва мудири шӯъбаи тайёрӣ ва омӯзиши курсҳои кӯтоҳмуддат кору фаъолият менамоянд. Мавриди зикр аст, ки айни замон дар Лингвапарк: 2 нафар коргари асосӣ (штатӣ) ва 6 нафар омӯзгорон тариқи соатбайъ ба фаъолият фаро гирифта шудаанд.

Дар Лингвапарк омӯзиши забонҳо (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, арабӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, хитой, ҷопонӣ ва куриёӣ) ва курсҳои кутоҳмуддати (дӯзандагӣ) ба роҳ монда шудааст.

Мутобиқи Фармоишҳои дахлдори Ректори ДДЗТ дар ЛПТ ДДЗТ зиёда аз 180 нафар шунавандагон дар курсҳои гуногуни забономӯзӣ иштирок намудаанд.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Лингвапарк (Парки технологӣ) дар давраи ҳисоботӣ корҳои зеринро ба сомон расонидааст:

- ✓ Утоқи курсҳои кӯтоҳмуддати дузандагиро таъмир ва барои ҷойгир намудани 10 мошинаи дузандагӣ шароити корӣ омода намуд;
- ✓ Дар асоси дастури ВМИ ҶТ ва раёсати донишкада ҷиҳати ***пешгирӣ аз бемории сироятии коронавирус COVID-19 Лингвапарк*** дар ин давра беш аз 1200 ниқобро духта захира намуд, ки аз ин миқдор 300 дона ба ВМИ ҶТ, 200 дона ба Мактаб-интернати №1-и шаҳри Душанбе ва 50 дона ба ҲХДТ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе супорида шудааст;
- ✓ Дар курси кӯтоҳмуддати дузандагӣ бо ҳамроҳии донишҷӯдухтарон барои дӯхтани ниқоб ва духтани матрас барои кати хоби донишҷӯёнро ба роҳ мондааст.
- ✓ Лингвопарк тибқи огоҳиномаи Кумитаи андози назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нозироти андоз дар ноҳияи Синоро аз 02.04.2020 №1/340 барои қарздор буданаш равона гардида буд, иҷро намуд.
- ✓ Барои ташкил намудани маркази тарҷумонӣ чораҳои зарурири роҳандозӣ намуд, аз ҷумла (таҳияи нозомнама ва дигар санадҳои марбут ба таъсиси маркази тарҷумонӣ).
- ✓ Тибқи пешниҳод ва супориши Раёсати донишкада барои ҷоннок намудани марказҳои забономӯзӣ дар якҷоягӣ бо кафедраҳои марбута чораҳои зарурирo дар ин самт дида истодааст.
- ✓ Дар давраи ҳисоботӣ дар Лингвапарк омӯзиши забони куриёӣ бо теъдоди 197 нафар шунаванда ба роҳ монда шуда буд.